# ҚАРОРИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 11. 03. 2021 ш. Душанбе

Баромади Латифов Алихон Давлатович дар мавзӯи **«Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз»**, аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. **Солеҳов Ш. А.,** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи филологияи Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода **Саидзода Вайсиддин,** муқарризони ғайрирасмӣ проф. Раҳмонов Р., проф. М. Нарзиқул, проф. Кӯчаров А., проф. Азимов А. ва проф. Абдусатторов А.-ро шунида, муҳокима карда, **Шӯрои** диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Латифов Алихон Давлатович

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Латифов Алихон Давлатович дар мавзӯи **«Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз»**, аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ) ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”-и Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Латифов Алихон Давлатович дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Латифов Алихон Давлатович дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологиро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Саъдуллоев Ҷ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент — Дӯстзода Ҳ.Ҷ.